«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
__________Ибодуллозода А. И.
«_08_»______04______соли 2024.

# Тақризи

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар мавзуи “Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷикии охири асри XIX ва ибтидои асри XX” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ**

**Мутобиқати мӯҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф “Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷикии охири асри XIX ва ибтидои асри XX” ба банди 5-уми бахши “Соҳаҳои таҳқиқот”- и шиносномаи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

Адабиёти тоҷикии нимаи дуюми садаи XIX ва ибтидои асри XX яке аз бахшҳои муҳим ва пурбори таърихи адабиёт маҳсуб меёбад. Дар аҳди шуравӣ бисёре аз масъалаҳои муҳим ва мубрами адабиёти давраи мазкур, равандҳо ва тамоилҳои адабию ҳунарии он, аҳволу осори намояндагони адабиёти ин давра бо сабабҳои айнию зеҳнӣ ва хосса ба иллати нобасомониҳои мафкуравии замон аз назари муҳаққиқон дур монда буд. Бо сабабҳои “тамғагузорӣ” ба адабиёти давраи мазкур адабиётшиносон ҷуръат намекарданд, ки масоили муҳимму мубрами марбути инкишофи адабиёти тоҷикро дар давраи мазкур ба таҳқиқ гиранд.

Дар замони мо, ба шарофати истиқлолият ва озодии комили сиёсию маънавӣ ва мафкуравӣ имкони бештаре барои омӯзиш ва таҳқиқи саҳифаҳои норавшани таърихи адабиёт фароҳам омад. Дар давраи истиқлол донишмандони тоҷик дар робита ба омӯзиши адабиёти тоҷикии охири асри XIX ва ибтидои асри XX як қатор корҳои шоиста ва муҳимро ба анҷом расониданд. Диссертатсияи мавриди назар ҳам дар таҳқиқи адабиёти тоҷикии аҳди равшангарию ҷадидия гоми муҳим ва шоиста маҳсуб меёбад. Мирзо Ҳайити Саҳбо тибқи ишораи устод С.Айнӣ аз ҷумлаи шоирони тавоно ва таъсиргузори муҳити адабии Бухоро дар аҳди

равшангарой будааст. Ба ибораи дигар, Саҳбо аз ҷумлаи шоирони маъруфи муҳити адабии Бухорой замонаш мебошад ва ба ҳамин хотир устод С.Айнӣ зарурати нашри девони шоирро борҳо таъкид мекунад. Вале ин кор дар замони мо, бо ибтикори донишманди зиндаёд Ҳасани Муродиён амалӣ гардид ва доираи васеи алоқамандони адабиёт бо ашъори нобу рангини ин шоири соҳибзавқ ва соҳибҳунари тоҷик аз наздик ошно гардиданд. Ҳамаи ин, зарурат ва аҳамияти мавзуи диссертатсияи Ё. Шарифзодаро бори дигар таъйид месозад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Таъйиди муҳиммияти мавзӯъ, аҳамияти таҳқиқи он, дараҷаи омӯзиш ва вазифаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, моҳияти назарию амалии он, тарҳи умумии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаву натиҷагириҳои илмию пажӯҳишӣ ифодагари саҳми шахсии диссертант дар омӯзиши мавзуъ мебошад. Инчунин, нақши шахсии муҳаққиқ дар омӯзиш ва истифодаи консепсияҳои муосири таҳқиқи адабиёт, таҳлилу баррасии онҳо, таҳия ва таълифи мақолаҳо ва суханрониҳои илмӣ ба назар мерасад. Диссертант ҳангоми таҳқиқи мавзуъ аз методология ва усулҳои муосири баррасии масъалаҳои марбути таъихи адабиёт суд ҷустааст, ки ин ҳам саҳми шахсии ӯро дар таҳқиқи мавзуъ таъйид месозад.

Диссертант ҳангоми баррасии аҳволу осори Саҳбо аз зарфиятҳои таҳқиқии усулҳои маъруфи илмии муқоисавӣ- таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, қиёсию оморӣ ва матншиносӣ суд ҷустааст. Шеваҳои мазкур имкон додааст, ки дар диссертатсияи мазкур аҳволу осори шоир дар контексти равандҳои таърихии замон ба таҳқиқ гирифта шавад. Аз ин рӯ, метавон таъкид кард, ки диссертатсияи Ё. Шарифзода аз нигоҳи баёни мураттаб ва бо низоми мавзуъ, пайванди устувору мантиқии масоили дар бобу фаслҳои он баррасишаванда, хулосаю тавсияҳо, китобнома ва ғайра ҷолиби диққат аст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Диссертатсияи Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия фароҳам омодааст. **Навгонии илмии таҳқиқ** иборат аз он аст, ки то кунун аҳволу осори Саҳбо мавриди таҳқиқи монографӣ қарор нагирифтааст. Пажуҳиши мавриди назар нахустин иқдоми таҳқиқи маҷмӯии рӯзгору эҷодиёти Саҳбо маҳсуб

меёбад. Инчунин, масоили марбути мазмун ва мундариҷаи ашъори Саҳбо, поэтикаи он, гароишҳои сабкӣ ва ҳунарии ӯ дар диссертатсияи мазкур бори аввал ба таҳқиқ омодааст.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ,** пеш аз ҳама дар асоснокии масъалагузориҳои диссертант, шинохти воқеии шахсияти адабии шоир, тасҳеҳи зиндагиномаи ӯ, баррасии истеъдод ва ҳунари шоирии Саҳбо зоҳир мегардад. Диссертант ҳам масоили марбути масири пурпечутоби зиндагии шоир ва ҳам муҳити адабии замон, мақому мартабаи адабӣ ва ҳунарии шоирро бо такя ба сарчашмаҳои муътамади адабию таърихӣ баррасӣ менамояд.

Аз ин рӯ, метавон аз мавод ва натоиҷи таҳқиқи диссертант ҳангоми таълифи таърихи адабиёти тоҷик, рисолаю мақолаҳо дар мавриди адабиёти аҳди равшангарӣ, китобҳои дарсӣ, мураттабсозии васоити таълимӣ ва ғайра истифода намуд. Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант барои таҳқиқӣ равандҳои адабиёти тоҷикии охири асри XIX ва ибтидои асри XX аз аҳаммият холӣ нестанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳо ва объекти таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии он дар сатҳи лозимӣ тавзеҳ шудаанд. **Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда** мушаххас баён шудаанд. Диссертатсия дорои тартиби муайяни илмӣ буда, низоми таҳқиқи мавзӯъ барои зина ба зина ҳал гардидани проблемаҳои мавриди назари диссертант мусоидат намудаанд. Бобу фаслҳои диссертатсия паҳлӯҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, ба ҳам алоқамандии мантиқӣ доранд.

Боби аввали диссертатсия “Рӯзгор ва осори Мирзо Ҳайити Саҳбо” унвон дошта, аз ду фасли ҷудогона иборат аст. Дар фасли аввали ин боб диссертант бо такя ба сарчашмаҳои қобили эътимоди адабию таърихӣ зиндагиномаи шоирро тавзеҳ медиҳад. Вай таъкид мекунад, ки Саҳбо соли 1848 дар тумани Комоти Бухоро таваллуд шуда, ба камол расидааст. Ӯ таҳсилкардаи мадрасаҳои Бухоро буда, маҳз дар замони таҳсил ба пешаи шоирӣ рӯ меорад ва дар фосилаи кӯтоҳи замонӣ, ӯро ҳамчун шоири тавоно менишосанд.

Дар баррасии ин бахши зиндагиномаи шоир, дар баробари маълумоти дар тазкираҳо овардашуда, диссертант ба маълумоти дар “Намунаи адабиёти тоҷик” ва “Ёддоштҳо” зикр намудаи устод С.Айнӣ такя мекунад. Воқеан, тибқи таъкиди устод Айнӣ Саҳбо на танҳо шоири

соҳибистеъдоди замон, балки ӯ аз фаъолони ҳаракати равшангарию ислоҳотхоҳии замони худ низ будааст ва ин самти фаъолияти шоир дар ниҳояти кор боиси марги фоҷеабори ӯ мегардад.

Мирзо Ҳайити Саҳбо аз худ ашъори арзишманди адабиро ба мерос гузоштааст. Мероси адабии шоир дар фасли дуюми боби якуми диссертатсияи Ё. Шарифзода мавриди таҳқиқи қарор гирифтааст. Тибқи ишораи диссертант мероси адабии Саҳбо аз лиҳози анвои шеърӣ хеле рангин ва ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Ӯ дар қолаби ғазал, қасида, мухаммас, мусаддас, қитъа ва ғайра, ки анвои суннатии шеъри классикианд, эҷод кардааст. Ҷолиб он аст, ки Саҳбо ҳам ба забони тоҷикӣ ва ҳам бо забони узбекӣ шеър гуфтааст.

Диссертант бо истифода аз зарфиятҳои таҳлили оморӣ анвои шеърӣ ва ашъори ба забонҳои тоҷикӣ ва узбекӣ гуфтаи шоирро хеле дақиқ ва мушаххас таҳқиқ менамояд. Миқдори абёти ғазалҳои Саҳборо муфассал баррасӣ карда, диссертант таъкид менамояд: “Аксари ғазалҳои Саҳбо иборат аз 7 ва 9 байт буда, теъдоди камтари он аз 3, 4, 6, 16, 17 ва 12 байт иборат аст” (диссертатсия, с. 44).

Воқеан, аз баррасии девони ашъори Саҳбо, ки дар диссертатсия ба таври муфассал сурат гирифтааст, маълум мешавад, ки шоир соҳиби табъи равону мавзун ва илҳому завқи саршор буда, дар сурудани анвои гуногуни шеъри ғиноӣ истеъдоди баланд доштааст. Тибқи ишораи Ҳ. Муродиён девони Саҳбо аз тарафи худи шоир мураттаб гардидааст ва ин нусха дар фонди дастнависҳои Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии АИ Узбекистон маҳфуз мебошад. Диссертант дар фасли мазкури диссертатсия ин нусхаро баррасӣ ва тавсиф намуда, таркиби онро, бо истифода аз усули таҳлили оморӣ, равшан месозад.

Боби дуюми диссертатсия ба баррасии мушаххасоти анвои шеърии Саҳбо ихтисос дода мешавад, ки он аз се фасл иборат аст. Фасли аввал “Мазмуну мундариҷа ва хусусиятҳои жанрии ғазалиёти Саҳбо” унвон дошта, дар он бештар ба ҷанбаҳои мазмунӣ ва дарунмояҳои ашъори шоир таваҷуҳ зоҳир гардидааст. Диссертант таъкид менамояд: “Жанри ғазал дар эҷодиёти Саҳбо ҳам аз нигоҳи теъдод ва ҳам аз нигоҳи басомади абёт бар кулли дигар анвои шеърияш бартарӣ дорад. Ғазалиёти шоир дар маҷмӯъ 191 адад буда, 1631 байтро дар бар мегирад (диссертатсия, с. 42).

Саҳбо тибқи ишораи муосиронаш, аз ҷумлаи шоирони маъруфи ғазалсарои замонаш будааст. Диссертант сохтори композитсионии

ғазалиёти Саҳборо ба таври мушаххас, аз тариқи нишон додани басомади абёти онҳо баррасӣ намуда ба чунин хулоса мерасад, ки он воқеан, қобили андеша аст : “Қисмати асосии девони ашъори Саҳборо ғазалиёти ӯ ташкил медиҳад. Ғазалиёти шоир аз нигоҳи теъдоди абёт гуногун буда, дар онҳо ғазалҳои 9-байтӣ ва 7-байтӣ мақоми аввалро ишғол менамоянд”. (диссертатсия, с.156).

Бояд гуфт, ки Саҳбо дар бар баробари ғазал дар анвои дигари шеъри суннатии форсии тоҷикӣ, аз қабили мухаммас ва қасида низ ашъори арзишманде ба мерос гузоштааст. Ин қисмати ашъори шоирро Ё. Шарифзода дар фаслҳои дуюм ва сеюми боби дуюми диссертатсия муфассал баррасӣ намуда, вижагиҳои адабию ҳунарии мухаммасоту қасоиди Саҳборо равшан мегардонад.

Аз баррасиҳои диссертант маълум мегардад, ки шоир дар маҷмуъ, 110 мухаммас ва 26 қасида эҷод кардааст. Ҳангоми баррасии мухаммасот, қасоид ва қитъаҳои Саҳбо диссертант дар баробари нишон додани ибтикороту навпардозиҳои шоир, ҷанбаҳои сохторӣ ва мазмунию мӯҳтавоии онҳоро муфассал баррасӣ менамояд, ки он паҳлӯҳои дигари ҳунари шоирии адибро равшан месозад.

Чунон ки аз мутолиаи диссертатсия равшан мегардад, Саҳбо аз ҷумлаи шоирони тавоно ва ҳирфаии замони худ будааст. Ин фазилатҳои адабию эҷодии Саҳбо дар боби сеюми диссертатсия, ки ба баррасии ҷанбаҳои сабкӣ ва поэтикии ашъори ӯ ихтисос дорад, муайян мешавад.

Диссертант бо такя ба ишораҳои муҳаққиқони қабли ба ҳунару истеъдоди шоириии Саҳбо, таъкид менамояд, ки шоир тавассути таҷрибаҳои нодири ҳунарии хеш дар ғазал, қасида, мухаммас, рубоӣ ва ғайра дар адабиёти замони хеш тозакориҳоеро таҷриба кардааст ва онҳо адабиёти тоҷикии охири асри XIX ва ибтидои асри XX-ро ғановат бахшиданд.

Ё. Шарифзода бардоштҳо ва натиҷагириҳои илмии худро аз таҳқиқи аҳволу осори Саҳбо дар бахши хулосаи диссертатсия дар 18 сархат овардааст, ки аксари онҳо пояҳои устувори таҳқиқӣ дошта, қобили андеша мебошанд.

Бояд гуфт, ки дар баробари дастовардҳои зикргардида, дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳо аз фоида холӣ нест:

1. Ба андешаи мо, диссертант дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзуъ ба ҷои овардани номҳои зиёд, муҳимтарин андешаҳои дар робита ба эҷодиёти Саҳбо баёнкардаи муҳаққиқони пешинро зикр мекард, беҳтар буд.

2. Дар бахши вазоифи таҳқиқ на ба ҳамаи масоили марбути бахшҳои диссертатсия ишора мешавад.

3.Дар боби дуюми диссертатсия агар вижагиҳои мазмунию мундариҷавӣ ва хусусиятҳои жанрии ғазалиёти шоир дар фаслҳои алоҳида баррасӣ мешуд, ба мақсад мувофиқ буд.

4. Хулосаи боби сеюм хеле тулонӣ буда, дар он натиҷагириҳои диссертант ба таври умумӣ баён шудаанд.

5. Дар автореферати диссертатсия мероси адабии Саҳбо хеле мухтасар бо зикри миқдори ашъору абёти он баён мешавад, ки моҳияти мавзуъро ба пуррагӣ равшан намесозад.

6. Дар саҳифаи 81 аз Зоҳир Аҳрорӣ иқтибос мешавад, вале дар рӯйхати адабиёт номи Бертелс ишора мешавад. Инчунин, дар саҳ. 111 рақамҳои ишора намудаи диссертант ба осори Насируддини Тусӣ, Шамси Қайси Розӣ ва Атоулло Махмуди Ҳусайнӣ ба рӯйхати адабиёт мувофиқат намекунад.

Камбудиҳои зикргардида, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши рисолаи мазкурро кам намегардонад ваислоҳи онҳо боиси боз ҳам беҳтар гардидани сатҳи илмии диссертатсия мегардад.

Муҳтавои диссертатсия бо автореферат, ки ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидааст, пурра мувофиқат менамояд. Илова бар ин, муҳимтарин паҳлӯҳои таҳқиқоти мазкур дар 9 мақолаи муаллиф, аз ҷумла, дар 6 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризшавандаи таъйиднамудаи КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расиданд, ифода гардидааст.

Анноттасияи диссертатсия, ки ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, моҳияти илмии таҳқиқоти мазкурро ба таври фишурда инъикос мекунанд.

**Мутобиқати тахассуси илми довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф “Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷикии охири асри XIX ва ибтидои асри XX”

таҳқиқоти комилу ба анҷом расидаи илмӣ буда, ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ аз 29-уми марти соли 2024, суратҷаласаи №9 муҳокима ва тасдиқ гардид.Дар ҷаласаи кафедра 14 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор-14 нафар, зид-нест, бетараф- нест.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи назария ва таъихи
адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садридидн Айнӣ Солеҳов Шамсидд
Аслиддинович

**Эксперт:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Элбоев Вафо
Ҷӯрақулович

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Шоев Абдуҳамид
Абдунабиевич

**Имзоҳои Ш. А. Солеҳов, В. Ҷ. Элбоев ва А. А. Шоевро тасдиқ мекунам:**
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: +992(37) 224-13-83; +992(37) 224-18-01.
E-mail: info@tgpu.tj; сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj

«08» 04 соли 2024.